آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

24 августи соли 2024
Шанбе
№ 68 (15079)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МУНОСИБАТИ ДЎСТОНАЕ, КИ АСРҲО ОЗМУДА ШУДААСТ, БА ДАРАҶАИ ИТТИФОҚӢ БАРОМАД

**Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев 22-23 август аз мамлакатамон бо ташрифи давлатӣ боздид намуд.**



Дар ҷаҳон бисёр миллату халқияте, ки бо забон, анъана, маданият ва ҳатто қиёфаи худ наздиканд, ҳамзистӣ доранд. Ба онҳо мо халқҳои Ўзбекистон ва Озарбойҷонро метавонем дохил намоем. Барои фаҳмидани ҳамдигар онҳо ба тарҷумон муроҷиат намекунанд, ба ҳамдигар ташриф оварда, худро бегона ҳис намекунанд, ахлоқ, инсонигарӣ ва меҳнатдўстиашон муштарак аст. Шабоҳат наздик месозад.

Бисёр риштаҳо ин ду миллати бузургро дар тўли асрҳо ба ҳамдигар пайвастааст. «Авасто», «Ошиқ Ғариб», «Гўруғлӣ», ки ёдгории муштараки маданияти халқҳоямон ба шумор меравад, далели равшани дўстӣ ва бародариамон мебошад. Муштаракоти маданият, ҳамоҳангии байни мақоми ўзбекӣ ва муғоми озарбойҷонӣ инчунин аз қаринии мо дарак медиҳад. Алишери Навоӣ яке аз мутафаккирони бузурги Шарқ Низомии Ганҷавиро устоди худ мешумурд, дар навбати худ Муҳаммад Фузулӣ яке аз пайравони Ҳазрати Навоӣ ба ҳисоб меравад.

Ба шарофати робитаҳои мунтазам ва иродаи сиёсии роҳбарони давлатҳо муносибати ҳаматарафаи байни Ўзбекистон ва Озарбойҷон мустаҳкам гардид, ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва маданиву гуманитарӣ ба дараҷаи боз ҳам баландтар баромад.

23 август дар қароргоҳи «Кўксарой» маросими ботантанаи истиқболи Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев баргузор гардид.

Дар майдоне, ки бо парчамҳои давлатии ду мамлакат оро ёфтаанд, ба шарафи Президенти Озарбойҷон қаровули фахрӣ саф орост.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев меҳмони олиқадрро самимона истиқбол намуда, ба шоҳсуфа даъват кард. Гимнҳои давлатии Ўзбекистон ва Озарбойҷон садо доданд.

Роҳбарон аз пеши сафи қаровули фахрӣ гузашта, аъзои ҳайатҳои вакилони расмиро хайрамақдам гуфтанд.

Пас аз ин Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев дар таркиби маҳдуд мулоқот ва ҷамъомади нахустини Шўрои олии байнидавлатиро баргузор намуданд.

Масъалаҳои амиқсозии минбаъда ва густариши муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистону Озарбойҷон баррасӣ шуданд.

Сарвари давлатамон алоҳида таъкид намуд, ки сафари имрўзаи давлатии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон воқеаи таърихӣ мебошад.

– Имрўз мо Шартнома дар бораи муносибатҳои иттифоқиро имзо мекунем. Дар тўли чанд сол мо муваффақ шудем муносибатҳои Ўзбекистону Озарбойҷонро ба сатҳи баландтарини ҳамкориҳои байнидавлатӣ бардорем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Баргузории нахустин ҷамъомади Шўрои олии байнидавлатӣ, ки механизми муассири пешбурди ҳамкориҳои гуногунҷанба ва ғанӣ гардондани онро бо мазмуни мушаххас тақозо менамояд, ҳамчунин бо қаноатмандӣ қайд карда шуд.

Роҳбарон рушди босуръати робитаҳои дуҷонибаро қайд карданд. Байни парлумонҳо, ҳукуматҳо, идораҳои соҳавӣ ва минтақаҳо равобити зич ба роҳ монда шудаанд. Ҷамъомадҳои Комиссияи байниҳукуматӣ ва Шўрои соҳибкорон мунтазам баргузор шуда, форуму намоишгоҳҳо, чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ гузаронда мешаванд. Ҳамкории байни доираҳои тиҷоратӣ вусъат меёбад.

Таъкид гардид, ки соли оянда ба барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ўзбекистон ва Озарбойҷон 30 сол пур мешавад.

Ба мақсади васеъ ҷашн гирифтани ин санаи фархунда Сарвари давлатамон пешниҳод намуд, ки Барномаи чорабиниҳо ва Ҷадвали солонаи равобит ва мубодилаи пуршиддати байниидоравӣ таҳия карда шавад.

Ба ғайр аз ин, бобати Соли кооператсияи иқтисодии Ўзбекистон ва Озарбойҷон эълон намудани соли оянда ва қабули Барномаи маҷмўгӣ бо фарогирии 20 самти афзалиятнок мувофиқа ҳосил шуд.

Оид ба чандин баробар зиёд кардани ҳаҷми муомилоти мол ва гузаштан ба марҳилаи нави кооператсияи саноатӣ, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳо дар кишварҳои сеюм вазифаҳо гузошта шуданд.

Ҷонибҳо натиҷаҳои форуми як рўз пеш баргузоршударо бо мамнуният қайд карданд: портфели лоиҳаҳои истиқболнок ба маблағи беш аз 2 миллиард доллар ташаккул ёфт. Сухан дар бораи кооператсия дар соҳаи энергетика, кимиё, маъдани кўҳӣ, саноати бофандагӣ, кишоварзӣ, шаҳрсозӣ ва дигар соҳаҳо меравад.

Дар ин ҷанба фаъолияти пурсамари ширкати сармоягузории Ўзбекистону Озарбойҷон ҳамчун воситаи дастгирии чунин лоиҳаҳо қайд гардид.

Зарурати мустаҳкам намудани пайвастагии ду кишвар ба воситаи татбиқи лоиҳаҳои нақлиётиву коммуникатсионӣ, энергетикӣ ва дигари инфрасохторӣ, аз он ҷумла дар шакли бисёрҷониба зикр гардид.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки басомади парвозҳоро зиёд кунанд, расмиёти ҳамлу нақли заминӣ ва ҳавоиро то ҳаддӣ имкон содда созанд ва ҳалли рақамиро ҷорӣ намоянд.

Аҳамияти пурзўр намудани равобити байниминтақавӣ қайд гардид. Дар бораи қабули Нақшаи кооператсияи байниминтақавӣ барои соли 2025, Барномаи шарикӣ оид ба рушди иқтидори саноатӣ ва инфрасохтори минтақаҳои ду кишвар ва баргузории Форуми навбатии минтақаҳо дар шаҳри Қўқанд таъкид гардид.

Сарони давлатҳо ба мувофиқа расиданд, ки табодули фаъолро дар соҳаҳои фарҳангу санъат, маориф, тандурўстӣ, сиёсати ҷавонон ва иттилоот, варзиш идома диҳанд.

Сарвари давлатамон пешниҳод кард, ки механизми вохўриҳои мунтазами ректорони донишгоҳҳои бонуфузи ду кишвар, инчунин баргузории медиафоруми муштарак роҳандозӣ шавад.

Дар баробари ин, дурнамои сохтмони маҷмўъҳои сайёҳиву соҳибкорӣ дар пойтахтҳои мо бо мақсади зиёд гардондани шумораи сайёҳон, табодули башардўстӣ ва тиҷоратӣ баррасӣ шуд.

Аҳамияти дастгирии иттилоотиву таҳлилӣ барои рушди муносибатҳои дуҷониба, татбиқи лоиҳаҳои муштарак барои таҳлили амиқ ва ифшои зарфиятҳои ҳамкорӣ таъкид гардид.

Сарони давлатҳо инчунин доир ба рўзномаи байналмиллалӣ ва минтақавӣ табодули афкор намуда, масъалаҳои идома додани муколамаи пуршиддат ва дастгирии мутақобиларо дар доираи сохторҳои бисёрҷониба баррасӣ карданд.

Қарор карда шуд, ки барои сари вақт ва босифат татбиқ намудани созишномаҳои ҳосилшуда «харитаи роҳ» қабул карда шавад.

Бинобар натиҷаи ҷамъомади нахустини Шўрои олии байнидавлатӣ маросими имзогузорӣ ба ҳуҷҷатҳои дуҷониба ба вуқўъ омад.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ба Шартнома дар бораи муносибатҳои иттифоқӣ имзо гузоштанд ва Қарори ҷамъомади нахустини Шўрои олии байнидавлатиро қабул намуданд.

Дар ҳузури сарони давлатҳо ҳуҷҷатҳои зерин ба имзо расиданд:

– Муоҳидаи байниҳукуматӣ дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон;

– Барномаи ҳамкории байни вазоратҳои корҳои хориҷӣ барои солҳои 2025-2026;

– Нақшаи амалиёти амалӣ бобати минбаъд вусъат додани ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоявӣ;

– Протоколҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои таълими томактабӣ, касбӣ, миёнаи махсус, олӣ ва илм;

– «Харитаи амалиёт»-и ҳамкории маданиву инсонпарварӣ барои солҳои 2024-2026;

– Дурнамои амалиёт дар соҳаи сайёҳӣ барои солҳои 2024-2026;

– Барномаи ҳамкории байни вазоратҳои адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Оҷонсии давлатӣ оид ба хидматрасонӣ ба шаҳрвандон ва инноватсияҳои иҷтимоии назди Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон барои солҳои 2024-2026;

– Ҳуҷҷат дар бораи ҳамкории байни Маркази такмили ихтисоси ҳуқуқшиносони назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Академияи адлияи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Озарбойҷон;

– Шартнома оид ба ҳамкории байни Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Озарбойҷон;

– Ҳуҷҷат доир ба ҳамкории байни марказҳои экспертизаи судӣ.

Дар доираи сафар ҳамчунин муоҳидаҳо бинобар ҳамкории байни шаҳрҳои Тошканд ва Боку, Шаҳрисабз ва Бейлаган, Ҷиззах ва Губа, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои дигари дуҷониба имзо гардиданд.

Дар мулоқот бо намояндагони расонаҳои ахбори оммавӣ Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев нуқтаи назари худро оид ба гуфтушунидҳои баргузоршуда изҳор намуданд.

Роҳбари давлати мо бо қаноатмандии амиқ таъкид кард, ки сафари давлатии Президенти Озарбойҷон ба Ўзбекистон дар рушди муносибатҳои бисёрасринаи дўстонаи байни ду мамлакат воқеаи таърихӣ шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев изҳор дошт, ки ба имзо расидани Муоҳида оид ба муносибатҳои иттифоқӣ натиҷаи калидии сафар гардид. Ин, бинобар суханони сарвари Ўзбекистон, аз оғози даврони нав таҳкими ҳамкориҳои тарафайни байнидавлатӣ дарак медиҳад ва садоқати мустаҳками роҳи ҷонибҳоро барои рушди ҳамаҷонибаи шарикии бисёрҷанба тасдиқ менамояд.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

**(Давомаш дар саҳ.2).**

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

# ДАР БОРАИ МУКОФОТОНИДАНИ ГУРЎҲИ ВАРЗИШГАРОН ВА МУРАББИЁН, КИ ДАР БОЗИҲОИ XXXIII ТОБИСТОНАИ ОЛИМПИИ ПАРИЖ НАТИҶАҲОИ БАЛАНД БА ДАСТ ОВАРДААНД

Барои саҳми барҷастаашон дар кори ба зинаи нав баланд бардоштани ҳаракати олимпӣ дар кишвар, оммавӣ гардонидани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар байни халқи мо, баромади ҳамаҷонибаи муносиб дар Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпӣ дар Париж (Франсия) ва ба шарофати самаранок истифода бурдан аз шароитҳои дар ҷумҳурӣ фароҳам овардашуда ва таваҷҷуҳ ба соҳаи варзиш ба даст овардани натиҷаҳои дар таърихи Ватани мо мислаш диданашуда, зуҳуроти равшани сифатҳои ватандўстӣ, матонат, иродаи қавӣ ва маҳорати баланд, хидматҳои бузургашон дар баланд бардоштани нуфузи Ўзбекистони Нав дар арсаи байналмилалӣ, дар насли наврас тарбия намудани ҳисси муҳаббат ба Ватан ва ифтихори миллӣ инҳо мукофотонида шаванд:

**Бо ордени «Эл-юрт ҳурмати»**

Дўсматов Хасанбой Марфҷон ўғлӣ — узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба бокс

Ҷалолов Баҳодир Исомиддин ўғлӣ – узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба бокс

Рашитов Улуғбек Исматуллоевич – узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба таэквондо

**унвони фахрии «Ўзбекистон ифтихори»**

Ҷамалов Разамбек Саламбекович – узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба гўштии озод

Келдиёрова Диёра Бахтиёр қизи – узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба дзюдо

Мўйдинхўҷаев Асадхўҷа Зоҳидхўҷа ўғлӣ – узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба бокс

Муллоҷонов Лазизбек Ҳасанҷон ўғлӣ – узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба бокс

Халоқов Абдумалик Анвар ўғлӣ — узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба бокс

**унвони фахрии «Ўзбекистон Республикасида хизмат кўрсатган спортчи»**

Абдуллаев Ғуломҷон Озодович – узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба гўштии озод

Ҷўраев Акбар Ҳуснидилла ўғлӣ – узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба вазнбардорӣ

Осипова Светлана Валеревна – узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба таэквондо

Юсупов Алишер Ҳалимбоевич – узви дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба дзюдо

**унвони фахрии «Ўзбекистон Республикасида хизмат кўрсатган спорт устози»**

Азизов Улуғбек Азим ўғлӣ – мураббии дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба дзюдо

Киямова Нелля Эсхатовна – мураббии дастаи мунтахаби миллии Ўзбекистон оид ба дзюдо

Тўйчиев Алишер Курбонович – мураббии бокси мактаби махсуси варзишӣ оид ба ҷанги тан ба тани варзишии вилояти Фарғона

**(Давомаш дар саҳ.2).**



**Одилҷон ТОҶИЕВ,**
**ҷонишини раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон**

# БА ЭҶОДКОРОНИ «ОВОЗИ ТОҶИК»!

Шумоёнро ба муносибати айёми шод, яъне ҷашни садсолагии рўзномаи «Овози тоҷик», ки рамзи матбуоти тоҷики Ўзбекистон мебошад, аз таҳти дил муборакбод менамоям!

Дар сад соли гузаштаи таърих мумкин аст таҳририяти рўзнома баробари рўзҳои неку хуш, мушкилоту машаққатҳоро паси сар намуда бошад, аммо комилан аён аст, ки Шумо ва мисли шумо бо қудрати қалами худ тавонистед ҷаҳонро тағйир диҳед.

Бояд эътироф намуд, ки рўзномаи «Овози тоҷик» ба қисми ҷудонопазири матбуоти ўзбеку тоҷик табдил ёфтааст. Ў чун оинаи тафаккури ҷамъият, ба сифати нашрияе, ки мушкилоти замонаамонро инъикос менамояд, аз қалби муштариён ҷой гирифт. Рўзнома дар давоми фаъолияти садсолаи худ хонандагонро нафақат бо воқеаву ҳодисаҳое, ки дар саросари дунё рух медиҳанд, шинос намуд, балки онҳоро рўҳбаланд кард, ба тафаккур намудан водор сохта, ба азму саъй сафарбар намуд.

Ҷамоаи рўзномаи «Овози тоҷик»-ро ба муносибати солгарди муътабар аз таҳти дил табрик мегўям! Меҳнати пурмашаққат, садоқат ба журналистика ва касб шуморо сазовори таҳсин мегардонад. Шумо танҳо рўзноманигор нестед, пуштбони ҳақиқат, пуштбони озодии сухан ва меъморони афкори ҷамъият ҳастед.

Мо барои садоқат, азми қавӣ ва шуҷоатмандиатон ташаккур мегўем, меҳнати шуморо қадр мекунем ва ифтихор мекунем, ки дар журналистика чунин мутахассисони соҳибмалака дорем!

Ба шумо комёбиҳо, дастовардҳои нав ва илҳоми беҳад таманно дорем. Қаламатон ҳамеша бурро, овозатон баланду шево ва назаратон ҳушёр бошад. Ҳар як саҳифаи «Овози тоҷик» пур аз маъно, ҳақиқат ва меҳру накўӣ бошад!

***

*(Маводҳои дигар ва табрикотро ба муносибати 100-солагии рўзномаи «Овози тоҷик» дар саҳифаҳои 3 ва 4 хонед).*

# МУНОСИБАТИ ДӮСТОНАЕ, КИ АСРҲО ОЗМУДА ШУДААСТ, БА ДАРАҶАИ ИТТИФОҚӢ БАРОМАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ҷараёни сафар ҷамъомади нахустини Шӯрои олии байнидавлатӣ низ баргузор шуд, ки бояд механизми самарабахши коркард ва татбиқсозии ташаббусҳои нав бинобар амиқсозии муносибатҳои иттифоқӣ гардад.

Президенти Ӯзбекистон ба он чиз эътибор дод, ки аз оғози сол ҷамъомади Комиссияи байниҳукуматӣ, машваратҳо оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва бехатарӣ, мулоқоти депутатҳо, анҷумани минтақаҳо, ҳамчунин як қатор чорабиниҳои фарҳангиву соҳибкорӣ баргузор шуданд, ки гарави комёбии ҳамоиши кунунӣ гардиданд.

Дар Ӯзбекистон аз муваффақиятҳои бузурги Озарбойҷони бародарӣ бағоят мамнунанд.

Роҳбари давлати мо рушди муттасили иқтисодиёт, саноат ва беҳтар шудани дараҷаи ҳаёти аҳолиро дар кишвари бародар қайд намуда, Илҳом Алиевро бори дигар бинобар истиқрори якпорчагии ҳудуди Озарбойҷон ва бозгардондани ҳудудҳои аслан озарбойҷонӣ муборакбод кард.

Ба барқарор гардидани Қаробоғ, ки дар он ҷо инфрасохтори иҷтимоӣ ва иншооти истеҳсолӣ фаъолона бунёд мееёбанд, эътибори махсус дода шуд.

– Озарбойҷон шарик ва иттифоқчии муҳими стратегии мост. Моро решаҳои умумии таърихӣ ва дӯстии бисёрасрина ба ҳам мепайвандад, дини мо якест, маданият ва анъанаҳоямон ҳаммонанд. Ҳамаи ин барои амиқсозии ҳамкориҳои бисёрҷанба ҳамчун асоси мустаҳкам хидмат мекунанд, – таъкид намуд сарвари Ӯзбекистон.

Коркарди нақшаҳо оид ба иштироки муштарак дар лоиҳаҳои пешомадноки кишварҳои сеюм мавҷуданд. Ба ин маънӣ фаъолияти бомуваффақияти ширкатҳои муштараки сармоявӣ, ки барои пешбурди чунин лоиҳаҳо ташкил гардидаанд, таъкид шуд.

Ба рушди алоқаи тарафайни нақлиётӣ, аз ҷумла аз тариқи инкишоф додани Гузаргоҳи наздикасбӣ эътибори махсус дода шуд.

Сарварон ба тезонидани татбиқсозии лоиҳаи васеъмиқёси минтақавӣ оид ба истеҳсоли энергияи «сабз» ва содироти он аз тариқи Озарбойҷон ба кишварҳои Аврупо ҳамраъйӣ намуданд.

Дар анҷоми мулоқот сарвари давлати мо ба ҳамкори озарбойҷонии худ барои дастгирӣ намудани таклиф ва ташаббусҳо миннатдорӣ баён карда, изҳори бовар намуд, ки натиҷаи гуфтушунидҳои пурмаҳсул ба рушди минбаъдаи алоқаҳои ӯзбекистониву озарбойҷонӣ такони пурқувват бахшида, барои таҳкими муносибатҳои дӯстонаву иттифоқии байни кишварҳои бародар хидмат мекунанд.

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев бо намояндагони тиҷорати ду кишвар мулоқот карданд

Дар чорабинӣ роҳбарон ва намояндагони ширкатҳои машҳури Озарбойҷон PASHA Holding, SOCAR, SOFAZ, Agalarov Develop-ment, Silk Way Group, Matanat, Sarda Group, AzerGold, Azermash, Холдинги сармоягузории Озарбойҷон, «Роҳҳои оҳани Озарбойҷон», Минтақаи озоди иқтисодии «Алят» ва ғайра ширкат ҷустанд.

Сарвари давлати мо роҳбарони ширкатҳои машҳурро самимона хайрамақдам гуфта, нақши муҳими онҳоро дар вусъатёбии шарикии тиҷоративу иқтисодии кишварҳои мо махсус таъкид намуд.

– Шумо муҳаррики муқтадири иқтисодиёт ба шумор меравед, ҷасурона инноватсияҳоро ҷорӣ мекунед, корхона ва ҷойҳои кориро фароҳам меоваред, – қайд кард Шавкат Мирзиёев.

Чорабиние, ки бори аввал дар чунин шакл баргузор мешавад, оғози даврони нав дар ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии ду кишвар мегардад.

Роҳбари давлати мо натиҷаҳои судманди ҳамоиши кунуниро бо қаноатмандӣ таъкид намуд. Рӯзномаи васеи ҳамкорӣ баррасӣ шуд, нуқтаҳои пешомадноки рушд муайян гардиданд. Ҷамъомади нахустини Шӯрои олии байнидавлатӣ баргузор шуд, Муоҳида дар бораи муносибатҳои иттифоқӣ ба имзо расид.

– Мо ба дараҷаи баландтарини ҳамкориҳои тарафайни байнидавлатӣ расидем ва амалан дар муносибатҳои ӯзбекистониву озарбойҷонӣ боби нав кушодем, – таъкид сохт сарвари Ӯзбекистон.

Қайд шуд, ки шартномаҳо дар бораи фароҳам овардани шароитҳои беш аз пеш мусоид ва дастгирии ҳамаҷонибаи тиҷорат дар кишварҳои мо, аз ҷумла воруди муштарак ба бозорҳои хориҷӣ натиҷаҳои асосии гуфтушунидҳо гардиданд.

Солҳои охир дар самтҳои мазкур пешрафти азим ба даст омад. Мубодилаи мол чандин баробар афзуд ва миқдори корхонаҳои муштарак зиёд шуданд, як қатор лоиҳаҳои кооператсионӣ татбиқ мешаванд, мубодилаҳои байниминтақавӣ фаъолтар гардиданд, Ширкати муштараки сармоявӣ бомуваффақият амал мекунанд.

Сарвари Ӯзбекистон дар баромади худ махсус таъкид кард, ки маҳз тиҷорат бояд муҳаррики асосӣ гардад ва дар татбиқсозии вазифаҳои калидӣ дар доираи Соли кооператсияи иқтисодӣ, ки сарони Ӯзбекистон ва Озарбойҷон эълон карданд, нақши муҳим бозад.

Сухан дар бораи лоиҳаҳои пешомаднок бинобар 20 самти бартариноки ҳамкорӣ меравад.

– Мо бо муҳтарам Илҳом Гейдарович фикри ягона дорем:ояндаи ҳамкорӣ ба тиҷорат алоқаманд аст, фардои муносибатҳои бисёрҷанбаи байни ду мамлакат аз шумо вобаста мебошад, – изҳор дошт Шавкат Мирзиёев.

Сарвари давлати мо соҳибкоронро муътамад намуд, ки барои фаъолияти самарабахшу мусоиди онҳо тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда хоҳанд шуд.

Дар навбати худ роҳбарони ширкатҳои машҳури ду мамлакат ба Президентҳои Ӯзбекистон ва Озарбойҷон барои дастгириашон миннатдорӣ баён намуданд ва дар бораи нақшаҳои мушаххаси худ оид ба татбиқсозии лоиҳаҳои нави кооператсионӣ маълумот доданд.

Дар анҷоми мулоқот сарварон дар маросими ба истифода супурдани лоиҳаҳои кооператсионӣ ширкат ҷустанд. Дар байни онҳо сохтмони меҳмонхонаҳо ва маҷмӯъҳои истиқоматӣ дар шаҳри Тошканд, корхонаи истеҳсоли маводи сохтмон дар вилояти Қашқадарё, ташкил кардани кластерҳои бофандагӣ, фабрикаҳои дӯзандагӣ ва лоиҳаҳои дигар дар Озарбойҷон мавҷуданд.

Президентҳо ба ин лоиҳаҳо ҳусни оғоз бахшида, изҳори бовар намуданд, ки онҳо ба афзудани ҳаҷми мубодилаи тарафайни мол, бунёди иқтидорҳои замонавии истеҳсолӣ ва ҷойҳои нави корӣ хидмат хоҳанд кард.

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев ҳамроҳи ҳамсаронашон дар консерти муштараки устодони санъати ду кишвар ширкат карданд.

Халқҳои ӯзбек ва озарбойҷонро решаҳои муштараки таърихӣ, як дин, фарҳангу анъанаҳои якхела мепайвандад.

Ба шарофати ирода ва ҷидду ҷаҳди сарони давлатҳо халқҳои мо боз ҳам бо ҳам наздиктар шуда, муносибатҳои байни давлатҳо ба дараҷаи иттифоқӣ расиданд.

Чӣ дар Ӯзбекистон ва чӣ дар Озарбойҷон ба эҷодиёти ходимони маданияти ду мамлакат бо эҳтиром ва муҳаббати калон муносибат мекунанд. Бо қарорҳои президентҳо ба овозхонҳои афсонавӣ Фаррух Зокиров ва Пӯлод Булбул ӯғлӣ унвони фахрии Ҳунарпешаи халқӣ дода шуд.

Консерти муштарак боз як таҷассуми ин дӯстии чандинасра, бо ҳам пайвастани анъана ва арзишҳои халқҳои ӯзбек ва озарбойҷон гардид.

Дар суруду мусиқӣ дар иҷрои санъаткорони боистеъдод сарват ва гуногунрангӣ, дар баробари ин, умумият ва ба худ хосии маданияти мо таҷассум ёфтааст.

Бо ҳамин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ба кишвари мо анҷом ёфт.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**мухбирони ӮзА.**

---

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ МУКОФОТОНИДАНИ ГУРӮҲИ ВАРЗИШГАРОН ВА МУРАББИЁН, КИ ДАР БОЗИҲОИ XXXIII ТОБИСТОНАИ ОЛИМПИИ ПАРИЖ НАТИҶАҲОИ БАЛАНД БА ДАСТ ОВАРДААНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

**ордени «Фидокорона хизматлари учун»**

Полатов Сакен Жетибоевич – муовини якуми раиси Федератсияи бокси Ӯзбекистон

Ташматов Шерзод Рихсибаевич – раиси Ассотсиатсияи таэквондои Ӯзбекистон

**ордени «Дӯстлик»**

Қиличев Тӯлкин Махмурович – сармураббии дастаи мунтахаби миллии Ӯзбекистон оид ба бокс

Тойгонбоев Зиятдинбек Курманбекович – мураббии бокси мактаби махсуси варзишӣ оид ба ҷанги тан ба тани варзишии вилояти Андиҷон

Туробоев Музаффарбек Тоштемир ӯғлӣ – узви дастаи мунтахаби миллии Ӯзбекистон оид ба дзюдо

Хан Павел Афанасевич – мураббии дастаи мунтахаби миллии Ӯзбекистон оид ба таэквондо

**ордени «Соғлом авлод учун» дараҷаи II**

Ғафуров Даврон Дилмуродович — мураббии бокси мактаби варзишии ноҳияи Зангиота, вилояти Тошканд

Қиличев Фаррух Комилович – мураббии бокси Маркази омодагӣ ба намудҳои варзиши олимпӣ ва паралимпии Чирчиқ, вилояти Тошканд

Мансуров Дилшод Исматович — директори мактаби варзиши ноҳияи Тошканд, вилояти Тошканд.

Мирзаҷонов Фарҳод Мирхамитович – мураббии дастаи мунтахаби миллии Ӯзбекистон оид ба вазнбардорӣ

Худойберганов Ҷамшид Исмоилович – мураббии дзюдои Маркази омодагӣ ба намудҳои варзиши олимпӣ ва паралимпии Урганҷ, вилояти Хоразм

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*шаҳри ТОШКАНД, 22 августи соли 2024*



***Вилояти НАВОӢ.*** *Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Arel Konfeksiyon», ки дар шаҳри Зарафшон фаъолият мебарад, соли 2019 ташкил карда шуда, алҳол яке аз фабрикаҳои фаъоли истеҳсолкунандаи маҳсулоти трикотажи нахи акрил ба ҳисоб меравад. Қувваи коркарди моҳонаи корхона ба 90 тонна баробар. Дар ин ҷо асосан маҳсулоти калобаю ришта ва ашёи хоми бофандагӣ истеҳсол карда мешавад. Айни замон дар фабрика наздик ба 300 нафар меҳнат мекунанд, ки беш аз 200 нафари онҳо занон мебошанд. Маҳсулот дар асоси супоришот ба бозори дохилӣ ва корхонаҳои азнавкоркард расонда мешавад. Ба Русия, Туркия, Тоҷикистон, Туркманистон низ экспорт карда мешавад. Аз ҳама муҳимаш, корхона ба таъмини шуғли ҷавонон ва занону духтарони маҳаллӣ хидмат карда истодааст.*

## ОМОДАГИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ БА СОЛИ ТАҲСИЛИ НАВ

***Ҷамъомади навбатии кормандони дастгоҳи ҳокимияти вилояти Навоӣ таҳти раисии ҳокими вилоят Нормат Турсунов баргузор гардид.***

Дар ҷамъомад 5 масъала муҳокима гардид, ки байни онҳо таҳлили омодагии муассиса ва ташкилотҳои таълимӣ ба соли хониши нав низ буд. Зикр гардид, ки дар ҳудуди вилоят 1435 муассисаи таълимии томактабӣ, 375 мактаби таълими ҳамагонӣ, 3 мактаби хусусӣ ва 25 муассисаи касбу ҳунар фаъолият доранд.

Дар ҷамъомад масоили омодагии муассисаҳои таълимӣ ба соли хониши нав ва вазифаҳои минбаъдаи соҳа муҳокима ва таҳлил гардид. Ҳокимони ноҳия ва шаҳрҳо доири корҳои иҷрогардида ва вазифаҳои минбаъда маълумот доданд.

Ба ҷонишинони ҳокимон ва шахсони масъул супориш дода шуд, ки камбудиҳои соҳаи таълимро ба зудӣ бартараф созанд. Муассисаҳои таълимии вилоят бо сӯзишворӣ таъмин гардида, барои гузаронидани фасли сармо омодаанд.

Барои таъмир ва таҷҳизонидани 72 мактаби вилоят 3 миллиард сӯм маблағ ҷудо карда шудааст.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

---

## КОҲИШИ НОДОРӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ БА НИЗОМИ ЯГОНА ТАБДИЛ МЕЁБАД

***Нодорӣ масъалаи ҷиддӣ аст. Ба ин мушкилот бидуни муносибати дуруст, дарки сабабҳои он, дастгирӣ ва рағбатнок намудани оилаҳо наметавон ба натиҷае расид. Солҳои охир дар кишвари мо муносибат ба масъалаи мазкур куллан тағйир ёфт, низоми нав ва мунтазам такмил ёфтани он аз рақамҳои воқеӣ низ мушоҳида мешавад.***

Дар муддати кӯтоҳ, яъне ҳамагӣ чаҳор сол чораву тадбирҳои мунтазам андешидашуда самари худро доданд, ки дар натиҷаи онҳо тарзи ҳаёти беш аз се миллион ҳамдиёрамон беҳтар шуд. Сатҳи нодорӣ аз 17 ба 11 фоиз пойин омад. Моҳи майи соли равон дар ҳисоботи Бонки умумиҷаҳонӣ «Роҳи коҳиш додани нодорӣ дар Ӯзбекистон: хулосаҳои барномаи байналхалқии қиёсӣ» қайд гардид, ки Ӯзбекистон дар соҳаи мазкур аз ҷумлаи кишварҳои ба натиҷаи баландтарин муваффақшуда аст.

Биёед, ба санад ва далелҳои дақиқ эътибор диҳем. Медонем, ки табақаи бузурги нодорон асосан дар деҳот зисту зиндагӣ мекунанд. Коршиносони Бонки умумиҷаҳонӣ бинобар таҳлилҳо қайд намудаанд, ки тӯли солҳои 2021-2023-юм дар деҳаҳо 1,2 миллион нафар аҳолӣ (дар шаҳрҳо бошад, 400 ҳазор нафар) дар Ӯзбекистон аз нодорӣ раҳоӣ ёфтаанд.

Дар кишвари мо миқдори мактабҳои хусусӣ аз 30 адади соли 2018-ум соли 2023-юм ба 350 адад зиёд шудааст. Ин нишондиҳанда собит месозад, ки аз тариқи пардохтҳои зарурӣ талаботи аҳолӣ ба мактабҳои дорои сифати баланди таълим, баробари ин имкониятҳои моддии онҳо низ афзудааст.

Мувофиқи маълумоти оҷонсии омор миқдори шаҳрвандоне, ки бо мақсади саёҳат ба хориҷа баромадаанд, аз 295 ҳазор нафари соли 2016-ум дар соли 2023-юм ба 661 ҳазор нафар (афзоиш 2,2 баробарро ташкил медиҳад) расида, воридоти хидматҳои сайёҳӣ аз 340 миллион доллар ба 1,3 миллиард доллар зиёд шудааст.

Ин дигаргуниҳое, ки касро рӯҳбаланд месозанд, аз чӣ далолат медиҳанд?

Бидуни шубҳа, ин тағйирот нишондиҳандаи афзудани даромади аҳолӣ, беҳтар шудани дараҷаи ҳаёти халқ, рушди иқтисодиёт ва баробари ин коҳиш ёфтани табақаи аҳолии ба кумак ниёзманду нодор мебошад.

Баробари ин алҳол дар соҳаи мазкур зарурати ҷорӣ кардани муносибати аз ҷиҳати мазмуну моҳияти худ нав, коҳиш додани нодорӣ ва ҳамзамон ҳифзи иҷтимоӣ равшан ба назар мерасад.

14 август Президент Шавкат Мирзиёев ҳангоми шиносшавӣ бо муаррифии чорабиниҳои оид ба кам кардани нодорӣ ва такмил додани низоми ҳифзи иҷтимоӣ ба ин масъала бори дигар таваққуф намуд. Тавре, ки зикр гардид, барои маълум намудани оилаҳои камбағал, аз ин вазъ раҳо кардани онҳо ва ҷудо намудани маблағ норасоии ягонагӣ эҳсос мегардад.

Бинобар таҳлилҳо ҳар сол дар мамлакатамон барои коҳиш додани маҳз нодорӣ 14 триллион сӯм равона карда мешавад. Вале ин маблағ аз тариқи 40 навъи воситаи молиявӣ аз ҷониби анқариб 10 идора ҷудо мегардад. Дар тақдимот тағйир додани ин низом, тақсим кардани маблағ бо дарназардошти миқдори нодорон дар ҳудуд, ноҳия ва маҳаллаҳо аз ҷониби Оҷонсии миллии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ зикр шуд. Тамоми хидматҳои иҷтимоӣ ва кумакҳое, ки ба аз нодорӣ раҳо кардан нигаронида шудаанд, аз ҷониби марказҳои «Инсон» амалӣ карда мешаванд.

Боз як дигаргунии муҳим он аст, ки минбаъд рӯйихати нафақат оилаҳое, ки дар шароити душвор зиндагӣ мекунанд, балки номгӯйи маҳаллаҳои дараҷаи камбағалиашон баланд низ тартиб дода шуда, ҳар сол барои ба ҳудуди аз нодорӣ холӣ табдил додани 50 адад чунин маҳалла чораҳо андешида мешаванд. Барои соҳибкороне, ки шахсони ниёзмандро бо кор таъмин мекунанд, андозҳои имтиёзнок ҷорӣ мегарданд, ки фикр мекунем, яке аз воситаҳои мақбули ҳаллу фасли ин масъала хоҳад шуд.

Ба маврид аст, қайд намоям, ки ба роҳ гузоштани чунин низоми истиқболнок, ки барои ба зинаи нав бардоштани ислоҳоти иҷтимоӣ хидмат мекунад, ба мақсадҳои барномаи Ҳизби халқиву демократӣ басо ҳамоҳанг мебошад.

Дар чунин вазъияти мураккаб ба манфиатҳои инсон нигаронида шудани стратегияи рушди Ӯзбекистон, ки ҷиҳатҳои инсон ва халқпарвариро таҷассум менамояд, моро мамнун месозад ва ба зиммаамон масъулиятҳои бузург мегузорад.

Кафолат додан ба бахту саодат ва фаровонҳолии ҳаёти ҳар як инсон, ба хусус баланд бардоштани дараҷаи ҳаёти шаҳрвандони эҳтиёҷманд дар назди мо вазифаҳои нав ба нав мегузоранд. Коҳиш додани нодорӣ ва ба низоми ягона табдил додани ҳифзи иҷтимоиро Ҳизби халқиву демократӣ дастгирӣ мекунад, бо ҳайати депутатиаш дар тамоми ҷумҳурӣ, созмонҳо ва саъю ҳаракати хайрхоҳонаш дар ин ҷараён бевосита фаъолона иштирок менамояд.

**Улуғбек ИНОЯТОВ,**
**роҳбари фраксияи**
**Ҳизби халқиву демократии**
**Ӯзбекистон дар Палатаи**
**қонунгузории Олий Маҷлис.**

---

***Интихобот***

## ТРЕНЕРҲОИ МИНТАҚАВӢ ТАҶРИБАИ ХУДРО ТАКМИЛ ДОДАНД

***Дар шаҳри Самарқанд барои тренерони минтақавии комиссияҳои ҳавзавӣ ва қитъавии интихоботӣ, ки интихоботи Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шӯроҳои маҳаллиро мегузаронанд, аз рӯйи омодагӣ ва гузаронидани интихобот машғулотҳои хонишӣ-амалӣ баргузор гардид.***

Дар рафти машғулотҳо, ки чор рӯз давом кард, донишу малакаи тренерони минтақавӣ такмил ёфта, ба онҳо навгониву тағйироти интихоботи имсола фаҳмонида шуд.

Дар семинари омӯзишӣ профессор-устодони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд маърӯзаҳо хонда, дар бораи тағйироту иловаҳои қонунгузории интихобот, таҷрибаи байналмилалӣ ва амалиёти миллӣ, камбудиҳое, ки дар интихоботи пешина роҳ дода шудаанд ва масъалаҳои пешгирии онҳо маълумот доданд.

Аз ҷумла, дар рафти тренингҳо дар мавзӯъҳои «Системаи омехтаи интихобот ва хусусиятҳои хоси он», «Сохтор ва ҷиҳатҳои асосии фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ», «Кор бо рӯйихати интихобкунандагон дар интихобот», «Таҷҳизонидани биноҳое, ки комиссияҳои қитъавии интихоботӣ ҷойгир шудаанд ва ташкили овоздиҳии пеш аз мӯҳлат», «Ҳамкории комиссияи қитъавии интихобот бо дигар иштирокчиёни ҷараёни интихобот (ВАО, мушоҳидон, намояндагони мақомоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ)» маърӯзаҳо карданд.

Инчунин, тавассути машғулотҳои амалӣ тартиби корбарии комиссияи қитъаи интихоботӣ дар рӯзи овоздиҳӣ, ҳисоб кардани овозҳо ва пур кардани ҳисобот фаҳмонида шуд.

**Ғ. ҲАСАНОВ,**
**мухбири ӮзА.**

---

***Дар нигористон***

***Дар қасри фарҳанги байналхалқии Икуо Хироямаи Академияи бадеии Ӯзбекистон бахшида ба 33-солагии Истиқлолият намоишгоҳи шахсии рассом Анвар Бобобеков кушода шуд.***

## «НАФОСАТ»

Дар намоишгоҳ намунаҳо аз асарҳои дар солҳои 2007-2024 эҷодкардаи рассом ҷой доранд. Тамошобин аз лавҳа ва аксҳои имрӯзаву дирӯзаи ҳаёти мардум, тасвири табиат, ҳунармандӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёт, ки бо маҳорати баланд иҷро шудаанд, як олам таассурот мегирад.

Тамошобин метавонад дар экспозитсия бо корҳои эҷодии рассом «Оҳанг», «Садои най», «Дар оғӯши баҳор», «Шаби моҳтобӣ», «Сеҳри оҳанг», «Нафосат», «Бӯйи гулҳо», «Нолаи муҳаббат», «Илҳом», «Гулшани санъат» ва ғайра ошно гардад.

Рассом соли 1978 дар ноҳияи Оққӯрғони вилояти Тошканд таваллуд шудааст. Дар мактаб-интернати ихтисосонидашудаи санъат, Институти рассомӣ ва дизайни ба номи Камолиддин Беҳзод таҳсил гирифтааст.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

# БА ИФТИХОРИ 100-СОЛАГИИ РӮЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК»

## МИНБАРИ ТАРҒИБИ АРЗИШҲО

Ҳаёти шахсӣ ва муносибати ниёгони бузургамон ба арзишҳои башарӣ баҳри тарбияи ҷавонон – бунёдкунандагони Ӯзбекистони Нав, инчунин ҳаммаслакию ягонагии маънавияти халқҳоямон хидмат мекунад.

Дар Ӯзбекистони Нав дар асоси арзишҳои умумиинсонию миллӣ инкишоф додан ва мустаҳкам намудани маданияти маънавӣ масъалаи муҳимтарини рӯз ба шумор меравад. Асоси мафкураи миллии Ӯзбекистони Навро тамоюли «қадри инсон» ташкил намуда, вай эҳтиром ва ҳифзи манфиатҳои қавму миллатҳои маскуни онро тақозо мекунад. Маълум аст, ки имрӯз дар мамлакати мо беш аз сад миллату халқият чун фарзандони як оила аҳлу тифоқ умр ба сар бурда, баҳри мақсади ягона – ривоҷу равнақи Ватан хидматҳои арзанда мекунанд. Хусусан, қавми тоҷик бобати тараққиёти Ватан, якдилию дӯстӣ, ҳаммаслакию ҳамзистӣ ба дигарон намуна аст. Таъкид кардан мехостам, ки дар ин равия рӯзномаи Олий Маҷлис ва Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон – «Овози тоҷик» нақши муҳим дорад. Ин рӯзнома дар давоми фаъолияти як аср бо номҳои гуногун интишор ёфта,



чун аслиҳаи тавонои тарғиботии давру замон, илҳомбахш ва сафарбаркунандаи хонандагонаш сӯйи мақсадҳои олӣ, инчунин байрақбардори дӯстии халқҳо дар мамлакатамон мақоми махсус дорад. 25 августи соли ҷорӣ «Овози тоҷик» 100 - сола мешавад. Ба ин муносибат ҳайати таҳририя, аҳли қалам ва мухлисони сершумори рӯзномаро табрику таҳният менамоям. Ба эҷодкорони он саломатӣ, хотири ҷамъ ва комёбиҳои беназир мехоҳам.

**Абера ҲУСЕЙНОВА,**
**узви Сенати Олий Маҷлис,**
**вакили минтақавии**
**Омбудсман дар**
**вилояти Бухоро.**

## САДОИ «ОВОЗИ ТОҶИК» ДАВОМДОР БОД

Рӯзномаи «Овози тоҷик», ки як аср пеш аз ин аз тарафи маърифатпарварони пешқадам ташкил ёфт, бахусус, дар солҳои истиқлол ба давраи нави таърихи худ қадам гузошт. Ба маънои том, ба оинаи ҳамҷиҳатӣ, таҳаммулпазирӣ, осудаҳолии байни миллатҳои мамлакатамон ва ба овози озоди ҳамдиёрони тоҷику тоҷикзабонамон табдил ёфт.

Ахбор дар ҳар замону макон сармояи пурарзиш шуморида мешавад. Аз таърих бармеояд, ки хабарҳои хуше, ки бо роҳу усулҳои гуногун паҳн мешуданд, қалбу шуури одамонро тағйир дода, ҳатто ояндаи баъзе аз халқҳоро низ дигар намудааст. Тавре ки шоир ва мутафаккири ӯзбек Алишери Навоӣ фармудааст: «Агар огоҳ ҳастӣ, шоҳ ҳастӣ, агар шоҳ ҳастӣ, огоҳ ҳастӣ».

«Овози тоҷик» аз он ҷиҳат низ аҳамиятнок аст, ки иттилооти озоди фарҳангиву маърифатии аҳли тоҷиктабори кишварро таъмин месозад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон қайд шудааст, ки шаҳрвандони кишвар новобаста аз эътиқоди динӣ, нажод ва забон соҳиби ҳуқуқи дарёфти ахбори озод ва таълим ба забони модарӣ мебошанд. Мувофиқи чунин меъёри Сарқонун, ҳукумати кишвар ҷиҳати ба забони модарӣ гирифтани таълим ва иттилооти озод барои намояндагони миллатҳои гуногуни мамлакатамон ҳамаи шароитро муҳайё месозад. «Овози тоҷик» ҳамчун таҷассумгари сиёсати одилонаи ҳукумат дар таъмин намудани аҳолӣ бо ахбори зарурӣ, инчунин, ҷараёни ислоҳоти татбиқшаванда, фармонҳои роҳбари давлат, қарорҳои Девони Вазирон ва таъмини иҷрои қонунҳои дахлдор ҳиссаи муносиб мегузорад, ки хеле хурсандиовар аст.

Ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавию маърифатие, ки дар солҳои Истиқлол дар мамлакатамон амалӣ гардиданд, дар соҳаи матбуот низ тағйироти мусбатро ба вуҷуд овард. Масъалаҳое, ки бо услуби нав дар мақолаҳои таҳлилӣ, ахбор, шарҳ, тақриз, бадеиву публитсистии «Овози тоҷик» акси худро ёфтаанд, ба қоидаи аслии журналистика — тамоюли фаврӣ ва шаффофӣ риоя карда мешавад. Ҳамаи ин барои қонеъ гардондани ниёзҳои фарҳангӣ, маърифативу таълимии шаҳрвандони тоҷики кишвар хидмат мекунад. Солҳои охир журналистони фидоии ин рӯзнома, ки вазифаи пули дӯстии азаливу абадии ха-



лқҳои Ӯзбекистону Тоҷикистонро иҷро менамояд, бесабаб бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз нагардидаанд.

«Овози тоҷик», ки садсолагии нахустнашри худро ҷашн мегирад, аз неъмати истиқлол баҳраманд шуда, ба дастовардҳои зиёди эҷодӣ ноил мегардад ва инчунин, ба афзудани меҳру муҳаббат, садоқат ва ифтихори муштариён нисбат ба Ватани ҷонаҷон ҳиссаи муносиби худро мегузорад. Ба аҳли ҷамоаи рӯзнома дар ин роҳи пурмашаққат ва дар айни ҳол пуршараф комёбиҳо хоҳонам.

**Ӯткир РАҲМАТ,**
**сармуҳаррири рӯзномаҳои**
**«Халқ сӯзи» ва**
**«Народное слово».**

## ТАНИНАНДОЗ БОД «ОВОЗИ ТОҶИК»!

Рӯзе, ки нахустшумораи рӯзномаи «Овози тоҷик» чоп шуд – 25 августи соли 1924 дар таърихи миллати тоҷик чун санаи бисёр мубораку фархунда ёд мешавад. Он замони басо сарнавиштсоз буд ва халқи мо барои ибрози андешаҳои созанда ва ҳифзи ҳуввияти миллӣ ба чунин минбари баланд ниёз дошт. Аз баракати чопи рӯзнома имкон фароҳам омад, ки масъалаҳои бисёр муҳими таърих, забон ва адабиёт ва фарҳангу маорифи тоҷик ба миён гузошта ва роҳи ҳаллашон ёфта шавад.

Нашри рӯзномаи дар он замон ягонаи тоҷикиро на танҳо тоҷикони қаламрави давлати навбунёди шӯравӣ, балки ҳамзабонони бурунмарзӣ низ бо хушҳолӣ ва дилгармӣ истиқбол намуданд. Дар як муддати кӯтоҳ робита ва табодули мавод миёни идораи «Овози тоҷик» ва рӯзномаҳои форсизабон, ба мисли «Ҳаблулматин» (Ҳиндустон), «Ситораи Эрон», «Шафақи сурх», «Садои Шарқ», «Фикри озод», «Туфон», «Пайк», «Чаман», «Фарҳанг» (Эрон) ба роҳ монда шуд.

Рӯзномаи «Овози тоҷик» дар ибтидои қарни XX ва баъдан низ барои мардуми мо ҳамчун минбари баланди баёни фикру андеша, василаи бедории миллию худшиносӣ, собиткунандаи мавҷудияти миллати тоҷик, яке аз ташаккулдиҳандагони забони адабӣ, таҳрикдиҳандаи эҳсоси ифтихор, мудофеи манфиатҳои миллӣ, тарғибгари осори адибон, дӯстии халқҳо ва робитаҳои адабӣ хидмати бузургеро анҷом дод.

Месазад, ки имрӯз бо миннатдорӣ аз кормандони аввалини рӯзнома Абдулқайюм Қурбӣ, Саидризо Ализода, Ғуломалӣ Козимзода, Мирҳайдар Шабистарӣ, Самиъҷон Муҳаммадзода, Роҷӣ, ҳамкорони доимии он – устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Аббос Алиев, Асадуллоҳи Кошонӣ, Ҳомид Бақозода, Нисор Муҳаммад, Тӯрақул Зеҳнӣ, онҳое, ки барои нашри рӯзнома саҳми бориз гузош-



таанд, Алӣ Исмоилзода (муҳаррири рӯзномаи ӯзбекии «Зарафшон»), Абдулло Раҳимзода, Шоҳтемур, Эшонқул Мирҷамолзода, Ҳоҷибойзода, Ҳомидхонзода, Искандар Файзуллин ва даҳҳо нафари дигар ёд биёрему ба хидмати бузургашон арҷ бигзорем. Дар он даврони сарнавиштсоз онҳо натанҳо муваффақ гардиданд, ки чопи рӯзномаро ба роҳ мондаву тавсеа бидиҳанд, балки бар рағми монеаҳои зиёд тавонистанд, ки нашрияҳои дигареро чун «Ширинкор»-у «Мулло Мушфиқӣ», ба ин забон рӯйи чоп биёранд ва ба ин васила дар айёми барои миллат душвору тақдирсоз хидмати басо арзишманд бикунанд. Ёдашон ба хайр, рӯҳашон шод ва корҳои некашон аз ҷониби ворисони сазовору пурифтихор бардавом бод!

Адибони Тоҷикистон, ки аксар ҳамкорони «Овози тоҷик» ҳам буданду ҳастанд, кормандони онро, ки рисолати бузурги гузаштагони хешро бо сарбаландӣ идома медиҳанд, бо 100-умин солгарди ин минбари баланду арҷманди миллат сидқан табрик гуфта, барояшон хотири осудаву табъи болида ва комёбиҳои эҷодӣ таманно мекунанд.

**Низом ҚОСИМ,**
**раиси Иттифоқи**
**нависандагони Тоҷикистон.**

## ИНЪИКОСИ КОРИ ТАЪЛИМ ДАР «ОВОЗИ ТОҶИК»

### *(Охири солҳои 20-уми асри гузашта)*

Ба низоми муайян даровардани ҷараёни кори таълим дар ҳама давру замон вазифаи муҳимтарини ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии давлат ва давлатдорӣ буд ва хоҳад монд. Рушди ҳаёти иқтисодӣ-сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, пойдории давлатдорӣ ба саводнокии мардум марбут аст. Соли 1924 дар натиҷаи таъиноти ҳудудию миллии ҷумҳуриҳои шӯравии Осиёи Миёна Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон ва дар ҳайати он Ҷумҳурии Сотсиалистии Шӯравии Мухтори Тоҷикистон таъсис ёфт. Дар ин минтақа қисми зиёди аҳолии таҳҷоӣ бесавод буд. Ҳатто хондану навиштанро намедонистанд. Саводноккунонии аҳолии бесавод масъалаи муҳими сиёсати давлатӣ буд. Дар ҳаллу фасли ин мушкил мақом ва мавқеи рӯзномаи «Овози тоҷик» андоза надорад.

Дар мақолаи мазкур инъикоси масъалаҳои маҳви бесаводӣ, мактабу маориф, мақоми чойхонаи сурх, қироатхонаҳо дар заминаи мақолаҳои «Овози тоҷик» баррасӣ мешаванд.

Аз рӯзи аввали барпо гардидани Ҳокимияти шӯравӣ дар ҳудуди Туркистон ба масъалаи маориф ва низоми таълиму тарбия диққати махсус дода мешуд. Моҳҳои март ва апрели соли 1918 тибқи қарори намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятии шаҳри Хуҷанд дар ин шаҳр ва дигар ноҳияҳои минтақа Шӯроҳои маорифи халқ ташкил шуданд, онҳо дар таъсиси мактаби нав, таълими ҳатмии бачагон ва маҳви бесаводӣ нақши муносиб гузоштанд.

Қарори Кумитаи иҷроияи марказии Туркистон ба тараққиёти минбаъдаи мактабҳои нав ва маҳви бесаводӣ мусоидат намуд. Мувофиқи он шӯроҳои маҳаллӣ вазифадор гардиданд то ҳамаи биноҳоеро, ки барои эҳтиёҷоти соҳаи маориф сохта шудаанд, новобаста аз тобеияташон ба ихтиёри шӯроҳои маҳаллии маорифи халқ вогузоранд. Барои дар амал татбиқ намудани қарори мазкур дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон ҷиҳати муайян намудани чунин биноҳо комиссияи махсус ташкил ёфт.

Баъди тақсимоти сарҳадҳои миллии Осиёи Миёна бо мақсади танзими кори маориф Комиссариати маорифи халқи ҶХШС Тоҷикистон ташкил гардид. Аввалин Комиссари маориф Аббос Алиев ва ҷонишини ӯ Абулқосим Лоҳутӣ буданд. Комиссариати маорифи халқ фаъолияти худро барои ба меҳнаткашони ҷумҳурӣ фаҳмонида додани моҳияти мактаби нави шӯравӣ, ташкилу рушду нумӯи он, таълиму тарбияи кадрҳои омӯзгорӣ, ҷалб намудани наврасон ба мактаб, мубориза барои маҳви бесаводӣ равона карда буд. Деҳқонон фарзандони худро ба мактаби нави шӯравӣ намедоданд. Бо мақсади ҷалб намудани фарзандони меҳнаткашон ба мактаби шӯравӣ Комитети инқилобии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имтиёзу бартарии оилаҳое, ки фарзандонашон дар мактаби нави шӯравӣ мехонанд» қарор қабул кард. Мувофиқи он падару модароне, ки фарзандони худро бидуни мамониат ба мактаби нави шӯравӣ мефиристоданд, аз давлат ёрдампулӣ, тухмӣ, масолеҳи сохтмон мегирифтанд ва аз андози замин озод мешуданд.

Ҳукумат оид ба ташвиқу тарғиби мактаби нав дар байни аҳолӣ истифодаи натанҳо маблағи давлатӣ, балки дар ин кор ба ҳиссагузории мардум суръат бахшид. Деҳқонон дар кори сохтмони мактабҳои нав кумаки моддиву амалӣ мерасониданд. Шумораи мактабҳо ва хонандагон сол аз сол меафзуд.

Ҳамчунин ҳокимияти шӯравӣ аз низоми маорифи кӯҳна васеъ истифода бурд. Мактабҳои кӯҳна барҳам дода нашуданд, баръакс, шумораи онҳо афзуда, аз ҷониби давлат ба расмият даровarda шуданд. Муллоҳо – муаллимони онҳоро аз буҷаи маориф бо маош таъмин мекарданд, Мактабҳои кӯҳна ва муаллимони онҳо – муллоҳо низ дар маҳви бесаводӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Агар шумораи мактабҳои шӯравиро бо мактабҳои кӯҳна муқоиса кунем, чунин натиҷа мегирем: дар шимоли Тоҷикистон дар соли хониши 1923-1924 ба ҳар як мактаби шӯравӣ 82 мактаби кӯҳна ва ба як талабаи мактаби шӯравӣ 30 талабаи мактаби кӯҳна рост меомад. Шумораи мактабҳои кӯҳна то соли 1924-ум 2477 ва мактабҳои шӯравӣ бошад, 31 ададро ташкил медод.

Синфҳо ба духтаронаю писарона ҷудо буданд. Мактабҳо дузинагӣ буданд, яъне ду дараҷа доштанд. Мактабҳои дараҷаи аввал кӯдакони 8-13 сола ва дараҷаи дуюм наврасони 13-17 соларо дар бар мегирифт. Ин ҳама дигаргуниҳо дар саҳифаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» инъикоси худро ёфтааст ва муаллифони мақолаҳо дақиқназарона таҳлил мекарданд. Доир ба вазъи мактабҳои Бухоро, Самарқанд, Қашқадарё ва дигар минтақаҳо дар мақолаҳои пешин ибрози андеша намудаем. Инак таҳлили умумии масъала ба хонанда пешбарӣ карда мешавад.

Дар рӯзнома зери рукни «Дар майдони маориф ва маданият» доир ба ҷараёни таълим ва тарбия, маҳви бесаводӣ мақолаҳо дарҷ мегардиданд. Хабарнигори фаъоли рӯзномаи «Овози тоҷик» дар округи Бухоро Б. Икромӣ вазъи мактабҳои дараҷаи якуми округро муфассал шарҳ додааст.

(Давомаш дар саҳ.4).

## ҲАМРОЗИ ТОҶИК

*Идат муборак «Овози тоҷик»,*
*Ҳамдарди тоҷик, ҳамрози тоҷик.*

*«Одина»-ҳоро бинвишт Айнӣ,*
*Андар баҳори эъҷози тоҷик.*

*Болу пари ӯ то мунтаҳо рафт,*
*Боло аз анҷум парвози тоҷик.*

*Аз Рӯдакӣ монд осори заррин,*
*«Қонун»-и Сино дамсози тоҷик.*

*Аз шоирон буд пайваста рангин*
*«Овози тоҷик», ҳам рози тоҷик.*

*Садсолагиат бодо муборак,*
*Шаҳри Самарқанд – оғози тоҷик.*

*Дар арши маънӣ бошад ҳамеша,*
*Парвози ту, эй шаҳбози тоҷик!*

***Саодат САНГИНОВА,***
*вилояти СУРХОНДАРЁ.*

## БА АҲЛИ ЭҶОДИ «ОВОЗИ ТОҶИК»



Ба табъ расидани нахустин нашрияҳо – «Бухорои шариф» ва «Овози тоҷики камбағал» аз ҷумлаи мероси бузурги зеҳнии Осиёи Марказӣ мебошанд. Рӯзномаи дувумӣ нашрияи расмии Кумитаи фирқаи коммунистии вилоятӣ ва Кумитаи иҷроияи вилояти Самарқанд аст, ки бо унвони «Овози тоҷики камбағал» ба нашр расида, аз шумораи 10 (7 ноябри соли 1924) ба «Овози тоҷик» табдили ном кардааст.

Ҳар ду нашрия ба таъсис ва ташаккули мактаби журналистикаи касбии ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон асос гузошта, дар ташаккули маорифу илм, маҳви бесаводӣ, омӯзиши мероси ниёгон хидмати шоиста карданд.

Дар баробари ин, набояд аз саҳми «Овози тоҷик» дар рушди мактабу маориф, илм, бахусус саросар саводноккунии омма, тарғиби донишомӯзӣ сарфи назар кард. Нашрия ба китоби дарсии мардум табдил ёфта буд. Ҳанӯз ҳам дар бойгонӣ шумораҳои «Овози тоҷик», ки чун китоби дарсӣ истифода мешуданд, маҳфуз мебошад.

Дар дарозои фаъолият нашрия чандин маротиба табдили ном кард. Аз ҷумла, солҳои 80-ум бо номи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» нашр шуда, дар тарбияи насли созанда ҳиссагузорӣ кардааст. Нашрия дар ин давра ба минбари мубодилаи эҷодии ду миллати бародар мубаддал гашт.

Дар замони истиқлоли давлатӣ бо иқдоми ду сарвари хирадманд – Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ҳамаи чаҳорчӯбаҳои тангназарӣ ва маҳдудтафаккурӣ шикаста шуданд. Ҳамкориҳо дар ҳамаи самтҳо, аз ҷумла ҳамкории воситаҳои ахбори умум ривоҷ ёфтанд.

Ҳамчунин, дар ин муддат баробари тарғиби илму маърифат ва забони тоҷикӣ, нашрия ба мактаби бузурги тарбияи кадрҳои журналистӣ низ табдил ёфт.

Ба арзи садоқати самимӣ аҳли эҷод ва хонандагони сершумори «Овози тоҷик»- ро бо ҷашни бузурги 100-солагии ба нашр расидани рӯзнома табрик гуфта, барояшон парвози баланди мурғи илҳом ва пирӯзиҳои эҷодӣ таманно дорем. Орзу мекунем боз садсолаҳои дигар ин нашрия барои расонидани иттилоъ ба мардум хидмати шоиста анҷом диҳад!

Мубораку фархунда бод, ҷашни якасраи нашрияи маҳбуб – «Овози тоҷик»!

**Зинатуллоҳ ИСМОИЛЗОДА,**
**раиси Иттифоқи**
**журналистони Тоҷикистон.**

## МАКТАБИ БУЗУРГИ ЭҶОДӢ ВА МИНБАРИ ДӮСТӢ

Бо мақсади ташаккули симои нави Ӯзбекистон имрӯз дар ҳама соҳаҳо шаффофият ва ошкорӣ таъмин мегардад. Азбаски ба фаъолияти идора ва мақомоти давлатӣ дар асоси натиҷаҳои мулоқот бо халқ, ҳалли мушкилоти мардум, фароҳам овардани шароити хуби корӣ ва зиндагӣ баҳо дода мешавад, дар ҷомеа мавқеи воситаҳои ахбори оммавӣ, бахусус, матбуот торафт мустаҳкам мегардад.

Ба ин маъно, матбуот чун оинаи ҷомеа, манбаи боэътимоде, ки воқеиятро дар асоси далелҳои раднопазир, бо факту асноди амиқ ва равишҳои таҳлилӣ акс мекунад, мавқеи бештар пайдо менамояд. Дар ин самт бешубҳа, «Овози тоҷик» низ мақом, мавқеъ, овоз ва ҷойгоҳи худро дорад.

Инак, ба чопи нахустин шумораи рӯзнома 100 сол пур мешавад. Метавон гуфт, ки он дар тӯли як аср дар ҷомеа ҷойгоҳи худро соҳиб гардида, имрӯз дар радифи нашрияҳои бонуфузи Ӯзбекистон ба забон гирифта мешавад.

«Овози тоҷик» чун минбари дӯстии халқҳо дар Ӯзбекистон ва нишонаи барҷастаи эътибор ба вакилони халқу миллатҳои дигар, дар тарғиби дӯстиву бародарӣ аҳамияти ба худ хосро соҳиб аст.

Дар он ба таблиғи ғояҳои дӯстии байни миллатҳо, фароҳдилӣ, рафоқат ва ҳамбастагӣ эътибори алоҳида дода мешавад. Дар саҳифаҳои он тарзи ба худ хоси зиндагии мардуми кишвар, рӯҳияи замон, сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию маърифатии давлатамон, фикру андеша, мақсаду умеди муштариёни рӯзнома бо забони шевою гуворо, самимона инъикос меёбад.

Хуб медонем, ки нахустин шумораи рӯзнома соли 1924 маҳз дар Самарқанд чоп гардид. Имрӯз он анъанаҳои накӯ, ки пойдеворашро ҳайати эҷодии «Овози тоҷик» дар Сайқали рӯйи Замин гузошта буданд, дар мисоли рӯзномаи «Овози Самарқанд» низ идомаи худро меёбанд.

Боиси ифтихор аст, ки солҳои охир ҳамкории байни таҳририяти ду рӯзнома мустаҳкам гардида, робитаҳои эҷодӣ низ инкишоф ёфт.

Ғайр аз ин, дар давоми сад соли гузашта дар ин ҷо насли даҳҳо журналистон-эҷодкорон ба камол расиданд.

Ҳоло метавонем гуфт, ки «Овози тоҷик» тӯли ин солҳо вазифаи мактаби бузурги эҷодиро низ ба ҷо оварду меорад.

Мактаби устодонаи «Овози тоҷик» ба аҳли қалам бағоят ибратбахш ва шоистаи таҳсин аст. Дар даври гузашта рӯзнома дар саҳифаҳои худ ба кашфи эҷодкорони ҷавон низ эътибори алоҳида дода, қаламкашони зиёдро парвариш намуд, ба халқу мамлакат шиносонид. Ин аст, ки ҳоло садҳо шоиру нависандагони номдори кишвар, ки дар қалби китобхонҳо ҷой гирифтаанд, номи рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро бо ҳурмат ба забон меоранд.

Ҳоло сухан дар бораи санаи ҷашни рӯзнома меравад. Чунин санаҳои таърихӣ ба мо имкон медиҳад, ки фаъолияти худро сарҳисоб намоем, бурду бохти худро таҳлил созем ва ҳамзамон барои оянда пеши худ нақшаҳои бузург гузорем.



Дар амалисозии чунин орзуҳои наҷиб ва нақшаҳои нек, инчунин, бобати бунёди Ӯзбекистони Нав, саҳмгузорӣ барои беҳтар гардондани ҳаёти мамлакат ва халқ ба ҳайати эҷодии таҳририят зафарҳо таманно карда, дар ин кори пуршараф ва масъулиятнок комёбӣ ва пирӯзиҳои нав орзумандам.

**Баҳодур РАҲМОНОВ,**
**сармуҳаррири рӯзномаи**
**вилоятии**
**«Овози Самарқанд».**

## ШИНОСНОМАИ МО ДАР ӮЗБЕКИСТОН

Ба рӯзномаи «Овози тоҷик» аз солҳои наврасиам ошноӣ пайдо кардаам. Падарам, ки омӯзгор буд, ҳар рӯз ба хона даста-даста рӯзнома меовард. Мани хонандаи мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нурато ба рӯзномахонии падарам таваҷҷуҳи зиёд доштам. Он солҳо мардум ба номгӯйи зиёди рӯзномаву маҷаллаҳо обуна мешуданд. Байни рӯзномаву маҷаллаҳои падарам «Овози тоҷик», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Овози Самарқанд», рӯзномаи ноҳиявии «Нурнома» (рӯзнома он солҳо саҳифаи тоҷикии «Рангинкамон» дошт), «Чароғи рӯз» ва маҷаллаҳои «Садои Шарқ», «Илм ва ҳаёт» буданд. Падарам аз байни онҳо нахуст «Овози тоҷик»-ро ба даст мегирифт ва мегуфт, ки «ин рӯзнома шиноснамаи мо дар Ӯзбекистон аст». Ман, ки он солҳо хурд будам, моҳияти ин андешаҳоро хуб дарк намекардам, вале саҳифаҳои сеюм ва чоруми рӯзномаро пайваста мехондам. Аз ҳамон вақт дар қалби ман шавқу ҳавас ба рӯзномахонӣ реша давонда, то ҳол маро тарк накардааст. Ҳарчанд имрӯз рӯзномаҳои машҳури дунёро бо забонҳои англисиву олмонӣ ва итолиёвӣ мутолиа мекунам, аз рӯзномаи «Овози тоҷик» дур нашудаам. Ҳар як шумораи онро тариқи «Facebook» мутолиа мекунам ва аз вазъи сиёсӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии Ӯзбекистони азиз огоҳ мегардам.

Азбаски дур аз Ватан будубош ва фаъолият дорам, дастрас намудани осори адибони тоҷики ӯзбекистонӣ душвор аст. Камина бо баъзе намунаҳои осори Паймон, Абдулло Субҳон, Муҳаммад Шодиву Юнуси Имомназар, Фаридуни Фарҳодзод асосан аз тариқи рӯзномаи «Овози тоҷик» шинос ҳастам. Ифтихор дорам, ки имрӯз дар Ӯзбекистон як ҳавзаи адабии пуриқтидор ташаккул ёфтааст. Ба мутолиаи осори мондагори Ҷалолуддини Балхӣ ва Лоиқ таваҷҷуҳ дорам. Осори онҳо мояи ифтихори ҳар як тоҷику форсизабон аст. «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ имрӯз серхонандатарин китоби мардуми Америко мебошад.

Дар муҳите, ки ман зиндагӣ ва фаъолияти илмӣ дорам, нафареро аз Осиёи Марказӣ дучор намекунед. Гуфтугузор ва тадқиқоти илмӣ ба забони англисӣ аст. Фарзандонам низ дар кӯдакистону мактаб ба забони англисӣ таълим мегиранд. Танҳо дар муҳити оилавӣ тоҷикӣ ҳарф мезанем. Фарзанди калониам, ки ҳоло донишомӯзи синфи сеюм мебошад, забони тоҷикиро хуб медонад. Дар ин муҳит ягона ҳамсуҳбату ҳамрози ман рӯзномаи «Овози тоҷик» мебошад. Тавассути он аз навгониҳои кишвар огоҳӣ меёбам, ғоибона бо қаламкашони рӯзнома ошноӣ пайдо мекунам ва забони модариамро аз он комилтар меомӯзам.

Ҳоло рӯзномаи дӯстдоштаи мо садсола мешавад. Ин иди ҳар як тоҷик аст. Рӯзнома дар ин давра ба қалби ҳазорҳо нафар хонанда нури маърифат бахшида, шаҳрвандонро ба роҳи ростӣ ҳидоят менамояд, дар қавигардонии дӯстии халқҳо, бахусус дӯстии тоҷику ӯзбек саҳми арзанда мегузорад. Итминон дорам, ки имрӯз ҳам рӯзномаи «Овози тоҷик» ҷавононро дар рӯҳи хештаншиносию худогоҳӣ, ифтихор аз халқу миллати худ, шинохтани фарҳанги миллии хеш тарбият мекунад.

Кулли кормандони «Овози тоҷик»-ро бо ҷашни фархундаи рӯзнома муборакбод намуда, ба онҳо дар ин кори пурмашаққат комёбиҳо таманно дорам.

**Ҷовид ЭГАМЗОДА,**
**доктори илмҳои техникӣ.**
*Иёлати Теннесси ИМА.*

# РӮЗНОМАИ МАҲБУБ



Бо истифода аз фурсат меарзад, ки пеш аз ҳама, ҳамкасбонамон–аҳли эҷоди имрӯзаи «Овоз тоҷик», инчунин, хонандагону ноширони онро ба муносибати 100-солагии ин рӯзномаи маҳбубу машҳур табрик гуфта бошем.

Мо рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро бо таърихи садсола, натанҳо яке аз аввалин рӯзномаҳои тоҷикзабон, балки дар таърихи матбуоти даврии Осиёи Марказӣ аз аввалин нашрияҳо ва шоистаи ифтихор медонем.

Рӯзнома дар як давраи ниҳоят ҳассосу сарнавиштсози миллати тоҷик таъсис ёфта, рисолати таърихиро бар дӯш гирифт ва онро бо сарбаландӣ иҷро намуд. Дар он эҷодкорони асил дар бораи ҳастии миллат, таъриху фарҳанг, забону адабиёти тоҷик ва вазъи иқтисодию иҷтимоии замон мунтазам мавод менавиштанд ва орзую ормонҳои хешро тавассути рӯзнома инъикос менамуданд. Аз ин рӯ, рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро метавон ормонномаи миллат номид.

«Овози тоҷик» аз замони таъсис ёфтанаш фаъолона ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангию иқтисодии халқи моро инъикос мекард. Он ба оинае мубаддал гашта буд, ки симои мардуми тоҷикро дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ нишон медод ва дар саҳифаҳои худ муборизаи озодихоҳонаашро барои расидан ба ормонҳои миллӣ бозгӯ месохт.

Аввалин муҳаррири рӯзнома Абдулқайюм Қурбӣ ва котиби масъули он Саидризо Ализода буданд. Ба ҷуз ин ду нафар, дар идораи рӯзнома боз чандин нафар кор мекарданд. Онҳо мекӯшиданд, ки нақши тоҷиконро дар бунёди ҷомеаи навин нишон диҳанд. Ба ҷуз ин, тавассути ин нашрия фарҳангу адабиёти тоҷик мунтазам тарғибу ташвиқ мегардид.

Рубрикаҳои «Мушфиқӣ», «Раҳнамои мухбирон», «Садои меҳнат»... дар байни хонандагон маҳбубият доштанд.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки барои таъсис ёфтани рӯзномаи «Овози тоҷик» нақши равшанфикрони тоҷик ва бузургоне чун устод Садриддин Айнӣ хеле барҷаста аст. Он замон нашр шудани ин рӯзнома барои халқи тоҷик ҳаётан муҳим, балки ид буд. Устод Садриддин Айнӣ дар қатори муассисон ба ҳайати таҳририяи рӯзнома шомил гашта, барои бо сифати хуб нашр гаштани он талош меварзиданд. Ҳамчунин, ба муаллифони мақолаҳо барои бо забони содаю равон навиштан маслиҳатҳои судманд медоданд. Ҳузури устод Айнӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ва мавқеи устуворашон дар шинохти фарҳангу таърихи миллат ба фоидаи кор буд.

Рӯзномаи «Овози тоҷик» аз ибтидои таъсис ёфтанаш дар таблиғи адабиёти навини тоҷик саҳмгузор будааст. Аз ҷумла, аз 23 ноябри соли 1924 то 1 майи соли 1925 чоп шудани повести устод Садриддин Айнӣ «Одина ё ки саргузашти як тоҷики камбағал» гувоҳи гуфтаи болост.

Рӯзномаи «Овози тоҷик» тӯли фаъолияти садсола натанҳо барои миллати тоҷик ва тарғибу ташвиқи фарҳангу таърихи он, балки барои густариши дӯстию бародарии мардумони Осиёи Марказӣ, бахусус тоҷикону ӯзбекон, саҳми беандоза дорад. Тарғибу ташвиқ ҳамзистии осоишта, ҳифзи дӯстию рафоқати қадимӣ, ҳамсоягии нек, фарҳанг, урфу одат ва ҷашну маросими шабеҳ аз ҳадафҳои асосии ин рӯзнома маҳсуб мешуд, ки имрӯз бо сатҳу сифати нав, рӯҳияи тоза ва ҷавобгӯ ба талаботи замон идома дорад.

Имрӯз рисолати воситаҳои ахбори омма, бухусус рӯзнома, фаротар аз ҳифзи манфиатҳои миллӣ аст. Чун ҷаҳонишавӣ, зуҳуроти номатлуби терроризму ифротгароӣ ва хурофоту бегонапарастӣ ҳамчун хатарҳои ҷиддии замони муосир кайҳо боз дар мекӯбанд, дар чунин вазъият барои ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ рисолату масъулияти воситаҳои ахбори омма даҳчанд афзудааст. Бинобар ин, мо бояд тибқи иқдому ташаббус ва дастуру нишондодҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ҳамкориро густариш бахшида, дар таҳкими дӯстию бародарии дерин, ҳамсоягии нек, ҳифзи манфиатҳои ду кишвар беш аз пеш саҳмгузор бошем.

Барои расидан ба чунин ҳадафҳои нек ба ҳамкасбони азизамон барору муваффақият таманно намуда, тансиҳҳатию хушбахтии ҳамешагӣ ва дастовардҳои нав ба нави эҷодиро орзумандем.

Ҷашни 100-солагии рӯзномаи азизи «Овози тоҷик» муборак бод!

**Бахтовар КАРИМЗОДА,**
**сармуҳаррири нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Садои мардум».**

# ҶАШНИ ПУРИФТИХОР МУБОРАК БОД!

Яке аз рӯзномаҳои маҳбуб ва сарнавиштсози миллати тоҷик – «Овози тоҷик» умри бобаракати якасраи худро таҷлил менамояд. Дар ин давраи таърихӣ рӯзнома барои бедории фикрии ҷомеа, раванди гузариш ба сохти нави ҷамъиятӣ, ислоҳоти сохтори нав, ошкор кардани воқеияти замон ва таҳкими дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек саҳми босазо гузоштааст.

«Овози тоҷик» замоне таъсис ёфт, ки мардуми бошарафи тоҷик ҳанӯз ба моҳияти озодӣ, худшиносӣ, ҳисси миллӣ, ҳифзу ҳимояи забони миллӣ, мухторият ва мустақилият дуруст сарфаҳм намерафт ва ғояҳои замони гузаришро низ ба таври васеъ дарк намекард. Барои раҳоӣ ёфтан аз ин вартаи мураккаби сиёсӣ,огоҳ шудан аз муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ва дарки дурусти моҳияти милливу давлатдорӣ таъсиси рӯзномаи «Овози тоҷик» саривақтӣ буд.

Дар ҳақиқат, барои расидан ба истиқлоли миллӣ рӯзнома хидмати бузургеро бар ӯҳда гирифт ва онро, хушбахтона, сарбаландона иҷро намуд.

Дар солҳои бистум, ки замони ниҳоят мушкил ва мураккаб барои халқи тоҷик маҳсуб меёфт, таъсиси рӯзномаи «Овози тоҷик» боис шуд, ки аксари адибон, шоирон, зиёиён ва ходимони намоёни сиёсӣ дар атрофи он ҷамъ оянд ва фикру мулоҳизаҳояшонро рӯйиросту ошкоро баён созанд. Аҳли қалами рӯзнома ва зиёиёни пешқадам ба муқобили касоне, ки мустақилияти Тоҷикистонро намехостанд, бо қалам мубориза бурданд ва ба мардум моҳияти замони гузаришро шарҳ дода, дар таъсиси Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон саҳми бузургу шоиста гузоштанд.

Дар саргаҳи ин таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ устод Садриддин Айнӣ ва шогирдони ӯ қарор доштанд. Махсусан, устод Айнӣ таъсиси рӯзномаро бо хушҳолӣ истиқбол карда, барои шумораи нахустини он, ки 25 августи соли 1924 интишор шуд, мақолаи «Қавми тоҷик ва рӯзнома»-ро бо имзои «Сод-Айн» чоп намуда, даъват кард, ки тоҷикон дар атрофи он ҷамъ оянд ва дастгирӣ намоянд. Вай дар мақолааш доир ба аҳамияти рӯзнома сухан ронда, андешаҳояшро чунин ҷамъбаст менамояд: «Рӯзномаи ҳар як қавм ва миллат забони эшон аст. Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё ки забон надорад. Яъне қавми бе рӯзнома мисли одами безабон аст... Мо умедворем, ки қавми тоҷик, хусусан бечорагони эшон ба атрофи рӯзномаи худ ҷамъ мешаванд».

Ин таъкиди ватандӯстонаи устоди бузургвор Айниро аҳли адаб ва дигар намояндагони пешқадами тоҷик хуб истиқбол карданд ва дар атрофи адиби номвар ҷамъ омада, ба рӯзнома ёрӣ расониданд. Ҳамин тавр, «Овози тоҷик» ба ливои мубаризони роҳи ҳақиқат табдил ёфт, барои ваҳдат, истиқлолияти миллӣ, тозагии забон, ҳимояи арзишҳои милливу фарҳангӣ пешоҳангу пешсаф гардид.



Солҳои баъдӣ, бахусус дар замони муборизаҳои сангини сиёсии солҳои сиюм аламбардори қаламкашони тоҷик ба шумор мерафт ва ормонҳои миллиро ҳимоя мекард, ҷонфидоиву қаҳрамонии фарзандони далерашро тараннум, меҳнати софдилонаи мардумро бо хабар, мақола, очерк, шеъру достон, қиссаву ҳикоя ситоиш менамуд.

Солҳои баъдӣ то замони расидан ба Истиқлоли миллӣ низ рӯзнома номашро иваз карда бошад ҳам, бо шиорҳои ватандӯстонаи устод Садриддин Айнӣ дар инъикоси сохти нави ҷамъиятӣ, тараннуми дӯстии халқҳо ва тарғиби адабиёт, санъат ва фарҳанги миллӣ саҳми созгор гузошта, барои пешрафти тафаккури аҳли ҷомеа хидмат кард.

Баъди истиқлолияти давлатӣ, ҳайати эҷодии рӯзнома ин ойинаи ҷаҳоннамои миллатро бо номи аввалааш – «Овози тоҷик» сабти ном карданд, барои беҳтар ва босифат нашр шудани он талош карда, ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, тараннуми дӯстии халқҳои тоҷик ва ӯзбек, эҳёи суннатҳои миллӣ ва тарғиби фарҳангу адабиёт ва санъату ҳунарҳои мардумӣ фидокорона заҳмат мекашанд.

Рӯзнома хидмати бузургеро баҳри тоҷикони Ӯзбекистон ба анҷом расонида, дастоварду комёбиҳои онҳоро якҷо бо музаффариятҳои халқи заҳматқарини ӯзбек ва дигар миллатҳои муқими Ӯзбекистони Нав тасвир менамояд.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо «Овози тоҷик» ҷашни таърихии хешро таҷлил менамояд. Мо ба ҷамоаи эҷодии рӯзнома ин ҷашни фархундаро самимона табрик мегӯем, ба онҳо барори кор ва комёбиҳои беназирро таманно менамоем.

**Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,**
**Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# ИНЪИКОСИ КОРИ ТАЪЛИМ ДАР «ОВОЗИ ТОҶИК»

(Аввалаш дар саҳ.3.

«Мактабҳои дараҷаи якуми округи Бухоро аз тарафи маорифи округ тафтиш карда шуд. Дар натиҷаи тафтиш якчанд кӯтоҳиҳо дида шуда бошад ҳам, лекин назар ба соли гузашта хеле тараққӣ кардааст. Дар округи Бухоро шумораи умумии мактабҳои дараҷаи якум 129 адад, барои ӯзбекон 24 адад мактаб буда, боқӣ моли миллатҳои майда, ки аксарияташонро тоҷикон ташкил медиҳанд. Шумораи шогирдони ин мактабҳо 5944 нафар буда, аз он 981 нафараш духтар аст... 574 нафар аъзои комсомол ва 2249 нафар пешоҳанг ва хурдтаринҳо октябрят мебошанд».(«О Т.», № 242, аз 9 июли соли 1928).

Дар ҳар як хабару мақола кӯтоҳиҳои кори шуъбаҳои маориф нишон дода мешуданд. Дар мақолаи фавқ Б. Икромӣ бештар ба мактаб ҷалб кардани духтарон ва хуб ба роҳ мондани алоқа бо ташкилотҳои маҳаллиро таъкид карда бошад, Акмал Аминзода аҳволи умумии шуъбаи маорифи ноҳияи Ховосро чунин шарҳ медиҳад: »Соли 26-27 дар миқёси район 21 нафар муаллим, 270 нафар талаба мавҷуд буд. Соли 27-28 25 нафар муаллим, 825 нафар талаба, маълум шуд, ки 80-90 фоиз талаба афзудааст», вале муаллиф «камқувватӣ (камсаводӣ ё худ бесаводӣ – **Ӯ. Р.**)-и бисёр муаллимон» («О Т.», № 243, аз 12 июли соли 1928) ёдрас намудааст, зеро онҳо ба корҳои таълим ва маориф ошно нестанд.

Вазъияти мактабҳои нави шӯравӣ хуб набуд. Муаллимони босавод кам буданд. Ба онҳо дониш ва маҳорат намерасид. Ин ҳама кормандони рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро бетараф намегузошт. Онҳо ҳамеша пайи рушди кори маориф саъй доштанд. Камбудиҳои соҳаи таълимро ошкоро ба риштаи танқид мекашиданд. Мақолаи «Масъалаи маорифи мо» («О Т.», № 246 аз 23 июли соли 1928) ҷолиби диққат аст. Муаллиф масоили маорифро дар ҶШС Ӯзбекистон таҳлил ва баррасӣ намудааст: «Худи ман дар Тошканд, Бухоро ва Андиҷон ба якчанд мактабҳо будам ва дар ҳамаи онҳо ҳаминро дидам, ки синфҳо холӣ, ба ҷойи 40-50 нафар талаба 10-20 нафар мавҷуд аст. Муаллимон дар ҷояшон нестанд, баъзешон касал шуда ва баъзешон ба ҷойи дигар рафтаанд, корҳои хондан ба дараҷаи лозимӣ нест». Камсаводии муаллимон ва беэътибории Комиссариати маорифи халқ низ зери тозиёнаи танқид гирифта мешуд. »Агар ба дараҷаи маълумот ва илми муаллимон шинос шавем, чала будани тайёрии 90 фоиз аз онҳоро ба таълим додан қодир набуданашонро, на ба мактаб муаллимӣ кардан, балки лозим будани хондани худашонро мебинем.

Муаллими камсавод ... бузургтарин камии мактабҳо буда, дар бораи дигар кардани онҳо корҳои амалии Комиссариати маориф хеле кам аст. Ошкоро гуфтан лозим аст, ки бо муаллимони ҳозира дар Ӯзбекистон бесаводиро на ин ки дар муддати 10 сол, балки зиёда аз он муддат ҳам нест кардан мумкин нахоҳад шуд».

Бо вуҷуди ин ҳама, дар соли хониши 1927-1928 ҳамагӣ 5-6 фоиз ва дар соли хониши 1928-1929-ум 21,3 фоиз бачагони синни мактабӣ ба таълим фаро гирифта шуда буданд. Соли таҳсили 1928-1929 миқдори мактабҳои шӯравӣ ба 317 адад ва шумораи талабагонаш ба 12 395 нафар расид, вале ин миқдор нисбат ба мактабҳои куҳна хеле кам буданд. Ин ҳам гувоҳи он аст, ки майли падару модарон ҳанӯз ҳам бештар ба мактабҳои усули куҳна нигаронида шудааст. Бинобар ин соли 1929 мактабҳои усули куҳнаро барҳам доданд. Ба ҷойи онҳо мактабҳои нави шӯравӣ бунёд карданд.

Дар саҳифаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» моҳият ва вазъи мактабҳои маҳви бесаводӣ хуб таҳлилу баррасӣ гардидааст. Ба мактабҳои маҳви бесаводӣ мардуми аз 17 сола боло ҷалб карда мешуданд. Мақсад аз таъсиси ин мактабҳо ёд додани хондану навиштан ба хонандагон буд. Мактабҳои маҳви бесаводӣ одатан шабона кор мекарданд. Ба ин масъала низ эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Агар соли таҳсили 1925-1926 дар 63 мактаби маҳви бесаводӣ 1496 нафар калонсолон савод омӯхта бошанд, пас дар соли таҳсили 1927-1928 миқдори чунин мактабҳо ба 241 адад ва шумораи толибилмони онҳо ба 7400 нафар расид ва соли таҳсили 1928-1929 миқдори мактабҳо ба 314 ва саводомӯзон ба 84 ҳазор нафар расонида шуд.

Дар маҳви бесаводӣ ва саводнокгардонии аҳолӣ мақом ва мавқеи чойхонаи сурх бузург аст. Дар ин гуна чойхона корҳои маърифатӣ-сиёсӣ бурда мешуд. Чойхонаҳои сурх ҷойҳои серодами истироҳатӣ буданд. Дар чойхонаҳо «Гӯшаҳои сурх» таъсис доданд.Дар ин гӯшаҳо рӯзнома, маҷаллаву китобҳо гузошта мешуданд ва суҳбатҳо, рӯзномаву китобхониҳо сурат мегирифт. Мавзӯи суҳбатҳо аз фаҳмонда додани моҳияти ҳокимияти шӯравӣ иборат буданд.

Фаъолияти чойхонаҳои сурх дар саҳифаҳои «Овози тоҷик» васеъ тарғиб гардидааст. Хабарнигорони рӯзнома кӯтоҳӣ ва камбудиҳои фаъолияти чойхонаҳои сурхро ошкоро зери тозиёнаи танқид гирифтаанд. Хабарнигори рӯзнома бо имзои мустаори «Йо» «Аҳволи чойхонаи сурх» ном мақоларо интишор додааст, мехонем: «Дар вилояти Ӯротепа ба пеши бозори мисгарӣ аз тарафи маорифи вилояти Ӯротепа як чойхонаи сурх кушода шуда, дар ин ҷо қироатхона низ мавҷуд аст. Аммо аҳволи қироатхона бисёр бад мебошад. Газета ва журнолҳои тоза ёфт намешавад. Ва мудири чойхона низ барои мавҷуд намудани газета, журнол ва адабиёт ҳаракат намекунад.

Бояд идораи маориф аз чойхонаи худ хабар гирад». («О Т.», № 242 аз 9 июли соли 1928). С. Шарофаддинзода аз набудани чойхонаи сурх ва қироатхона дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашт шикоят овардааст. («О Т.» № 250 аз 8 августи соли 1928). Дар саҳифаҳои рӯзнома гузоришоту мақолаҳои танқидӣ зиёд ба чоп расидаанд.

Аз муҳокимарониҳо бармеояд, ки «Овози тоҷик» дар рушду нумӯи кори таълиму тарбия саҳми мондагор гузоштааст ва инак сад сол аст, ки ин анъанаро мустақимона ва муттасил идома медиҳад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ҶАШНАШ ЧУН НОМАШ ХОТИРМОН БОШАД



«Овози тоҷик» аз рӯзи нахусти пайдоиши худ то имрӯз баҳри баланд бардоштани тафаккуру шуури сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву хештаншиносӣ хидмат менамояд. Номи дилнишину пурмуҳтаво, садои оҳангдораш ифтихори халқу миллати бузургаш ба шумор меравад. Он мисли шамси партавфишон ва моҳи пурнур бо таълифоти нотакрор ақлу идрок, дилу дидаҳоро пурнуру равшан гардонида, ба ҳар як намояндаи халқу миллат соҳибмаърифативу ифтихормандиро илқо менамояд.

Саҳифаҳои рангину пурмуҳтавояш фарогири намунаҳои жанри публитсистию бадеӣ, дурдонаҳои нодири халқ – зарбулмасалу мақол, панду андарзҳои хотирмон, маводи нотакрор мебошанд. Ин аст, ки «Овози тоҷик» солҳои тӯлонӣ дар рушду нумӯи меъёрҳои забони адабӣ, маданияти нутқ ва жанрҳои публитсистию бадеӣ саҳми босазо мегузорад.

«Овози тоҷик» бо фарогирии маводаш, нафақат дар байни мардуми Ӯзбекистон, инчунин дар байни мардуми мамолики Шарқу Ғарб шуҳрат пайдо кардааст.

Табъу нашр, тайёр кардани шумораи рӯзнома кори осон нест. Он ранҷу заҳмати бисёр, донишу афкори пухта, санъату маҳорати бемисли рӯзноманигориро тақозо менамояд. Бо назардошти ҳувияти таърихӣ метавон гуфт, ки кормандони рӯзнома аз машаққату душвориҳо наҳаросида барои табъу нашри «Овози тоҷик» ҷонфидоӣ менамоянд.

Сад сол сипарӣ гардида, «Овози тоҷик» садсола шудааст. Ба ҳамин муносибат журналистони соҳибқаламу шуҷоъ, кормандони ҷонфидо, мардуми рӯзномадӯсту рӯзномахон, муштариёни кӯчаку бузург, муассисони онро самимона табрику таҳният менамоям.

Табъу нашри «Овози тоҷик» бардавому ҷовидон бошад!

**Таваккал ЧОРИЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, номзади илмҳои филология, профессор.**



Хонандагони «Овози тоҷик» дар солҳои аввали чопаш...



...хонандагони «Овози тоҷик» дар солҳои 1990.

# АВВАЛИН ВА АЗ ҲАМА...

*Аввалин шумораи рӯзнома таҳти унвони «Овози тоҷики камбағал» 25 августи соли 1924 бо ташаббуси Кумитаи марказии фирқа ҳамчун «ҷаридаи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва адабӣ»-и Фирқаи вилояти Самарқанд чоп шуд.*

***

*Аввалин муҳаррири масъули рӯзнома шоир, журналист, ходими фаъоли сиёсии фирқаи коммунистӣ ва ҷамъиятӣ Абдулқайюми Қурбии Самарқандӣ буд.*

***

*Аввалин котиби масъули рӯзнома Саидризо Ализода ва тарҷумони идора Ғуломалӣ Козимзода буданд.*

***

*Аввалин бонуе, ки дар идораи «Овози тоҷик» ба сифати корманди эҷодӣ кор кардаву ба дараҷаи мудир (муҳаррир)-и шуъба расида, сазовори унвони Журналисти шоистаи Ӯзбекистон гардидааст, Муайяна Хоҷаеваи самарқандӣ мебошад.*

***

*Шавкат Ниёзов аз ҳама бештар – 36 сол сармуҳаррир буд.*

***

*Муҳаммадҷон Ҳасанов аз ҳама камтар – як солу ду моҳ дар ин вазифа кор кардааст.*

***

*Рӯзнома охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-уми асри гузашта бо теъдоди аз ҳама бештар — 30-35 ҳазор нусха чоп шудааст.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 4292. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.